Шир мегардад бурун аз кӯҳ баҳри кӯҳкан,
Ризқи худ соҳибҳунар аз санг пайдо мекунад.

# Геолог

№ 1 (1), майи соли 2019

Нашрияи Муассисаи давлатии коллеҷи кӯҳии ба номи С.Юсупова дар назди Донишкадаи кӯҳӣ-металлургии Тоҷикистон

**Тоҷикистони азизи мо биҳишти воқеии рӯи замин, кишвари ганҷҳои накушодаву табиати Худодод аст. Мову шумо бе муболиға дар болои ганҷ қарор дорем ва ҷоиз нест, ки минбаъд муҳтоҷу дастнигари дигарон бошем.**

**Эмомалӣ РАҲМОН**



## ТАРОНАИ ГЕОЛОГҲО

**Роҳи мо аз байни кӯҳу дашту саҳро бигзарад,**
**Аз раҳу бероҳаҳо чун шӯхдарё бигзарад.**

**Тангнову қуллаву паҳно барои мо якест,**
**Бим дар дил кай бувад, чун роҳ аз он ҷо бигзарад.**

**Ғайри нақши пойи мо дар қуллаҳо нақше маҷӯ,**
**Оҳуи кӯҳӣ, бубин, аз пайраҳи мо бигзарад.**

**Бод ҳам, бешак, зи мо омӯхт роҳи хешро,**
**Лек мо бо мақсаду ӯ бе сару по бигзарад.**

**Дӯстам, бо чашми кам бар роҳи мо манмо назар,**
**Роҳи мо ҳар як қадам бар нафъи фардо бигзарад.**

**Алии Муҳаммадии ХУРОСОНӢ**

# ТАБРИКОТИ

## ДИРЕКТОРИ МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ КОЛЛЕҶИ КӮҲИИ БА НОМИ С. ЮСУПОВА ДАР НАЗДИ ДОНИШКАДИ КӮҲӢ-МЕТАЛЛУРГИИ ТОҶИКИСТОН МАҲМАДАЛӢ БАХТИЁР НАБӢ

Зинаи таҳсилоти миёнаи касбӣ яке аз зинаҳои муҳиму афзалиятнок ба ҳисоб рафта, дар даврони соҳибистиқлолии мамлакат шумораи ин гуна муассисаҳо бамаротиб афзудаву шароити таҳсил, фаъолият ва раванди таълиму тадрис дар онҳо марҳила ба марҳила мутобиқ ба талаботи стандарти ҷаҳонӣ боло рафта истодааст.

Муассисаи давлатии коллеҷи кӯҳии ба номи С.Юсупова дар назди Донишкадаи кӯҳӣ-металлургии Тоҷикистон, яке аз он муассисаҳои таълимие мебошад, ки омодасозии мутахассисони соҳаи саноати кӯҳӣ ва геологияро дар зинаи таҳсилоти миёнаи касбӣ ба уҳда дошта, дар самти пешбурди сиёсати давлат ва таъмини талаботи кишвар бо мутахассисони ҷавони ин соҳа саҳмгузор аст.

Мусаллам аст, ки кишвари маҳбубамон — Тоҷикистон, табиати бою рангин дошта, 93%-и онро кӯҳсор ташкил менамояд, ки он дар замири худ ганҷҳои зиёдеро ниҳон намудааст. Ва агар ин захираҳо ба таври бояду шояд истихроҷ ва коркард шаванд, миллати тоҷик метавонад ҳазорсолаҳо худро аз ҳисоби ин сарватҳои табиӣ ҳамаҷониба таъмин намудаву иқтисодиёти кишварро бамаротиб зиёд гардонад. Аммо боз ҳам метавон гуфт, ки барои коркарду истихроҷи пурсамари ин сарватҳо дар баробари таҷҳизоту технологияи муосир мутахассисони соҳибтаҷрибае лозиманд, ки истифодаи оқилонаю самараноки онро ба роҳ монанд.

Бо назардошти ин гуфтаҳо, маъмурияти коллеҷ тайёр намудани мутахассисони баландихтисоси соҳаи геологияро яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи худ шумурида, дар самти омодасозии кадрҳои ҷавон, инчунин, баланд бардоштани маҳорати касбии устодону кормандонаш аз тамоми воситаҳо истифода мебарад.

Тазаккур бояд дод, ки дар даврони соҳибистиқлолии кишвар, дар натиҷаи ғамхориҳои пайвастаи Ҳукумати мамлакат нисбати соҳаи маориф, инчунин, кумаку дастгириҳои бевоситаи муассис - Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба фаъолияти муассисаҳои таълимии зертобеи худ таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамояд, барои харидории таҷҳизоти ҳозиразамон ва дигар лавозимоти таълиму тадрис ҳамасола маблағҳои муайяне ҷудо карда мешаванд, ки ин дастгирихо барои мустаҳкамгардонии заминаи моддӣ-техникии коллеҷ мусоидат намуда, маъмуриятро имкон даст додааст, ки давра ба давра фаъолияти худро дар доираи ҷавобгӯ ба талаботи имрӯзаи соҳаи маориф ва илм ба роҳ монда, шароити таҳсили донишандӯзонро нисбатан беҳтар гардонад.

Инак, зиёда аз 10 сол мешавад, ки коллеҷ мутахассисонро дар зинаи таҳсилоти миёнаи касбии соҳаи геология ва саноати кӯҳӣ тайёр намуда, баҳри амалӣ намудани сиёсати Ҳукумати ҷумҳурӣ дар самти омодасозии мутахассисони ҷавону лаёқатманди ин соҳа ҳиссаи босазои худро мегузорад.

Метавон ёдовар шуд, ки сол то сол беҳтар шудани шароити таълиму тадрис боиси афзудани теъдоди довталабону донишҷӯён дар коллеҷ гардидааст, ки дар ҳоли ҳозир дар он ба микдори зиёда аз 800 толибилм аз дохили кишвар таҳсили илм доштаву мутахассисони ояндаи ҳамин соҳа ҳоҳанд гашт.

Бояд гуфт, ки маъмурияти коллеҷ ҷиҳати амалӣ намудани мақсадҳои дарпешгузошта, аз ҷумла боз ҳам баланд бардоштани сифати таълим ва, дар ин замина, тарбия намудани мутахассисони дорои маҳорат ва малакаи баланди касбӣ пайваста тадбирандешиҳо намуда, дар навбати аввал, ба муассиса устодон, номзадони илм ва профессорону докторонро ба кор даъват намуда, бо истифода аз ин неруи зеҳнӣ баҳри ноил шудан ба дастовардҳо ва дар ин раванд амалӣ шудани ҳадафҳои стратегии Ҳукумати мамлакат дар самти маориф, ҳамзамон, иҷрои саривақтии барнома, нақшаҳои дурнамо, консепсияю созишномаҳои Ҳукумати кишвар ва дигар дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, иҷрои саривақтии дастуру супоришҳои Вазоратҳои маориф ва илм, саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар мақомоту идораҳои дахлдор ҷидду ҷаҳд менамояд.



Дар ин миён баҳри иҷрои талаботи Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дастуру супоришҳо аз Паёмҳои ҳамасолаи сарвари давлат ба Маҷлиси Олии мамлакат, қонунҳои миллии кишвар, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд”, “Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва дигар асноду меъёрҳои ҳуқуқӣ нақшаи чорабиниҳои муассиса мураттаб ва дар асоси он ҷиҳати марҳила ба марҳила амалӣ гаштани корҳои банақшагирифта чораҳои мушаххасу саривақтӣ андешида мешавад.

Лоиқи тазаккур аст, ки дар шароити кунунӣ гузаштани мутахассиси имрӯза ба муносибатҳои бозори ҷаҳонӣ ба дараҷаи маълумотнокӣ, қобилияти зеҳнӣ ва сифати корӣи ӯ вобаста буда, ҳамзамон, рақобатпазирии ӯ дар бозори меҳнат ба шумор меравад. Бинобар ин, ҷиҳати дар бозори меҳнати ҷаҳонӣ рақобатпазир шудани мутахассисони коллеҷ, инчунин дастуру супоришҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди таълим дар коллеҷ пурра ба шакли низоми кредитии таҳсилот ба роҳ монда шудааст.

Дар баробари ин, баҳри дар амал татбиқ намудани ҳадафҳои мақсадноки самти экологӣ ва фарҳангии Ҳукумати мамлакат дар муассиса баҳри сазовор ва дар сатҳи баланди омодагиҳо таҷлил гирифтани ҷашнҳои миллӣ ва чорабиниҳои сиёсии мамлакат нақшаҳои амалишавии онҳо тарҳрезӣ шудаанд.

с. 2

Геолог

№ 1 (1) Майи соли 2019

# ТАБРИКОТИ

## ДИРЕКТОРИ МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ КОЛЛЕҶИ КӮҲИИ БА НОМИ С. ЮСУПОВА ДАР НАЗДИ ДОНИШКАДИ КӮҲӢ-МЕТАЛЛУРГИИ ТОҶИКИСТОН МАҲМАДАЛӢ БАХТИЁР НАБӢ

Аз ҷумла, дар доираи Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028”, бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар доираи эълон шудани солҳои 2019 – 2021 “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” дар муассиса нақшаи чорабиниҳо ва комиссияи тадорукоти ҷашнӣ сохмон дода шуда, баргузории ҳар гуна конференсияҳои илмӣ-амалӣ, фарҳангӣ-фароғатӣ ва варзишӣ, семинарҳо ва мизҳои мудаввар давра ба давра ба нақша гирифта шудаанд.

Боиси ифтихор аст, ки дар Паёми навбатии худ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон саноатикунонии босуръати кишварро ҳадафи чоруми миллӣ эълон намуданд, ки ин иқдоми пешрифтаи моро боз ҳам рӯҳбаланд намуд, зеро таъсиси корхонаҳои нави саноатӣ, аз як тараф, имкони зиёд гардидани ҳоҳишмандону довталабон нисбати ихтисос ва самтҳои коргарӣ, аз ҷумла ихтисосҳои амалкунанда дар коллеҷ низ гардида, аз ҷониби дигар, боиси пайдо шудани ҷойҳои нави корӣ ва, дар ин замина, беҳтар шудани вазъи иқтисодии мамлакат ва шароити хуби мардуми кишвар хоҳад шуд.

Вале ин иқдоми пешгирифта, дар навбати аввал, мо – таълимдиҳандаву тарбиятгаронро боз ҳам уҳдадор менамояд, ки ҷиҳати ноил гаштан ба ин комёбиҳо ва ҳадафҳои мақсадноки Ҳукумату давлат дар фаъолияти худ харҷи бештар саъю талошҳо намуда, бахри расидан ба ҳадафҳои стратегии Ҳукумати кишварамон саҳмгузорӣ намоем, зеро фаъолияти пурсамари муассисаҳои таълимии касбӣ метавонад дар амалӣ сохтани сиёсати кишвар дар таъмини эҳтиҷоти он бо мутахассисони баландихтисоси дорои маҳорату малакаи баланди касбӣ ва ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнати ҷаҳонӣ нақши босазоеро гузорад.

Дар идома қайд намудан лозим аст, ки муассисаи мазкур ба номи олими зиндаёд - академик Сороҷон Михайловна Юсупова, ки аввалин геологзани тоҷик дар миқёси ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад, гузошта шудааст. Ин зани фидоӣ тамоми ҳастии ҳаёти хешро бахри пешрафти соҳаи геологияи тоҷик бахшида, муаллифи зиёда аз 70 асари илмӣ мебошад. Гарчанде имрӯз ин зани олиҳиммат, ин бонуи хирад дар миёни мо нест, аммо ном ва кори накуяш дар ёдҳо монда ва ҳамеша ӯро дар байнамон зиндаву ҷовид нигоҳ медорад.

Соли равон ба марҳум Юсупова 109 сол пур мешавад. Бо арзи эҳтиром ёдашонро ба хайр ва хонаи охираташонро обод гуфтаву кӯшиш бар он медиҳем, ки ба монанди ин зани сарсупурдаи роҳи илм шогирдонеро ба воя расонида тавонем, ки мисоли ӯ донишманд ва мутахассисони баландихтисоси соҳаи геология гарданд.

Дар фарҷоми сухан қайд менамоям, ки таъсис ва нашри рӯзномаи “Геолог” боз як иқдоми хуби навбатии ҳайати устодону кормандони коллеҷ дар ҷодаи фаъолият ва дастоварди мубораке дар соли хониши ҷорӣ ба ҳисоб меравад.

Биноан, якояки Шумо - муҳтарам ҳайати профессорию омӯзгории коллеҷ, инчунин, он нафаронеро, ки дар таҳия ва нашри ин минбари илму адаб саҳм гузоштаанд, барои нашри аввалини он табрику муборак мегӯям.

Бокӣ ба ҳама барори кору муваффақияти пурсамарро дар ҷодаи илму эҷод ва рӯзгор таманно дорам.



# ОИЛА – МАҲАКИ ПЕШРАФТИ ҶОМЕА

Санаи 15 майи соли ҷорӣ дар толори конфронсии муассиса дар доираи таҷлили Рӯзи оила чорабинии фарҳангӣ-фароғатӣ доир гардид. Дар оғози чорабинӣ директори коллеҷ Б. Махмадалӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ ҳозиринро ба Рӯзи оила табрик намуда, изҳор дошт, ки ҳамасола 15 май дар ҷаҳон ҳамчун Рӯзи байналмилалии оила, ки соли 1993 бо қарори Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид эълон гардида буд, таҷлил мешавад. Хушбахтона, дар кишвари мо низ Рӯзи оила дар сатҳи баланди омодагиҳо таҷлил ёфта, дар сиёсати кунунии Ҳукумату мамлакат оила ҳамчун меҳвари асосии ҷамъият махсуб ёфтаву, мавқеи худро дорад.

Сипас, баромади устодон Асоева Ҳ. дар мавзӯи «Оила ва вазифаҳои он», Саидошурова Д.Л. дар мавзӯи «Гендер ва нобаробариҳои он дар оила», Шарифова Л. «Омилҳои асосии пошхӯрии оилаҳои ҷавон» шунида шуда, қисмати дигари чорабинӣ, ки бахши фарҳангиро дар бар мегирифт, бо баромаду шеърхонӣ ва суруду таронасароии донишҷӯёни коллеҷ идома ёфт.

Дар интиҳои ҷамъомад миёни ҷамъомадагон пурсишу посух сурат гирифт.

## БА ИСТИҚБОЛИ 109-СОЛАГИИ НАХУСТАКАДЕМИКЗАНИ ТОҶИК С.М.ЮСУПОВА

# Бонуе, ки касби мардона дошт

**Сороҷон Михайловна Юсупова олими намоёни соҳаи геологияи тоҷик буда, самти фаъолияташ ба омӯзиши минералогияю геохимия вобаста аст. Мавсуф на танҳо дар миқёси ҷумҳурӣ, балки берун аз он ҳам шуҳрати баланд дошт. Зеро ин бонуи хирад миёни аҳли ҷомеаи занони давлатҳои Осиёи Миёна нахустзане мебошад, ки ба узвияти Академияи илмҳо пазируфта шудааст, яъне нахустин академикзани ин минтақа маҳсуб меёбад.**

Юсупова С.М. 5 майи соли 1910 дар шаҳри Бухоро таваллуд шудааст. Соли 1925 баъди хатми мактаби миёна ба техникуми тиббии шаҳри Тошканд дохил шуда, соли 1929 онро бо дипломи аъло хатм намудааст.

Ҳамон сол ба факултаи химияи Донишгоҳи давлатии шаҳри Москва дохил шуда, бо сабаби бад шудани вазъи саломатияш ба Донишгоҳи давлатии Ӯзбекистон (шаҳри Самарқанд) мегузарад ва соли 1935 онро бомуваффақият хатм менамояд. Баъд аз хатми донишгоҳ рисолаи дипломии С.М.Юсупова «Хосиятҳои коллоидӣ-химиявии гилҳои Шор-Су» ҳамчун мақола чоп гардидааст. Аммо бояд гуфт, ки фаъолияти педагогии С.М.Юсупова ҳанӯз аз солҳои донишҷӯияш оғоз гардидааст. Дар синни 24-солагӣ ӯ аллакай аз фанҳои география ва химия барои донишҷӯёни курсҳои поёнӣ дарс мегуфт.

Соли 1935 С.М.Юсупова ба аспирантураи Донишкадаи хокшиносии АФ ИҶШС дохил шуда, соли 1939 рисолаи номзадиро барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои геология ва минералогия дар мавзӯи “Хосиятҳои химикию коллоидии гилҳои Ӯзбекистон” ҳимоя намудааст.

Аз соли 1940 то соли 1943 дар филиали Институти геологияи АФ ИҶШС дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон фаъолият карда, аввалин лабораторияи рентгенӣ-минералогиро дар Осиёи Миёна таъсис медиҳад. Баъдтар, ӯ барои тадқиқоти таркиби сохти гилҳо микроскопи электрониро истифода бурдааст.

Соли 1943 Юсупова С.М. ба докторантураи Донишкадаи хокшиносии АФ ИҶШС дохил мешавад. Аз соли 1946 сар карда, дар филиали Институти геологияи АФ ИҶШС дар вазифаи сардори сектори геологияи нафт ва ангишт кор мекунад. Бо ташаббуси бевоситаи ӯ дар ҷумҳурӣ ягона озмоишгоҳи усулҳои физикӣ-химиявии муайянкунии ҷинсҳои кӯҳӣ ва минералҳо ташкил карда шудааст.

Соли 1948 Юсупова С.М. дар Донишкадаи хокшиносии АФ ИҶШС бомуваффақият рисолаи доктории дар мавзӯи “Хосиятҳои минералогии лёссҳои Осиёи Миёна” ҳимоя менамояд.

Моҳи апрели соли 1951 баъди ташкилёбии Академияи фанҳои РСС Тоҷикистон, ҳамчун олими намоён - геолог С.Юсупова аъзои ҳақиқии Академияи фанҳои Тоҷикистон мегардад.

Аз соли таъсисёбии (1948) Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе Сороҷон Юсупова то охири ҳаёташ дар ин донишгоҳ ба ҳайси мудири кафедраи «Минералогия ва петрография» фаъолияти меҳнатӣ намуда, инчунин, дар факултаи географияи Донишкадаи омӯзгории шаҳри Душанбе низ дарс мегуфт.

Ин зани фидоӣ барои тайёр намудани мутахассисони варзидаи соҳаи илм ва ба пешрафти тараққиёти тадқиқоти илмӣ-геологӣ саҳми беандоза гузоштааст. Аксарияти шогирдони С.М.Юсупова номзад ва докторони илмҳои геология-минералогия мебошанд, ки айни замон барои пешрафти соҳаи геология дар Тоҷикистон кору фаъолият ва хизматҳои намоён намуда истодаанд.



Академик Юсупова С.М. соли 1950 ба унвони профессор мушарраф гардида, муаллифи зиёда аз 70 асари илмӣ мебошад, ки доир ба мавзӯъҳои минералогия ва геохимияи ҷинсҳои таҳшинӣ бахшида шудаанд. Аз он ҷумла, аввалин маротиба китоби “Геология бо элементҳои минералогия ва петрография” (соли 1963) бо забони тоҷикӣ нашр шудааст, ки то имрӯз донишҷӯён ва кормандони соҳаи геология аз он ба таври васеъ истифода мебаранд.

Хизматҳои шоистаи ин зани донишмандро дар тарбияи насли ҷавон ва рушди илми геологияи тоҷик қадр намуда, ҳукумати давр он касро ду навбат намояндаи мардумӣ дар Шӯрои Олии мамлакат (1947,1951) интихоб намудааст ва бо унвони Ходими хизматнишондодаи илми Тоҷикистон сарфароз гардонидааст.

С.Юсупова тамоми ҳастӣ - дониш, маҳорату малакаи худро бахри шукуфоиву пешрафти ин сарзамин нисор намуда, дар тарбияи мутахассисони маҳаллӣ саҳми беандоза гузоштааст.

**Ба қавли Ҳофизи бузург:**

**Зиндаву ҷовид монд ҳар кӣ накуном зист,**
**К-аз ақибаш зикри хайр зинда кунад номро.**

**А. КАРИМОВ,**
**ҷонишини директор оид ба илм, инноватсия ва робитаҳои байналмилалӣ**



# АЗ ИБТИДО ВА ИДОМАИ ФАЪОЛИЯТИ КОЛЛЕҶ

Муассисаи давлатии коллеҷи кӯҳии ба номи С.Юсупова бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 30-юми майи соли 2008, №278 дар заминаи собиқ техникуми геологӣ ва маъдани ба номи С. Юсупова, ки муассисаш собиқ Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, таъсис дода шуда, таърихи тӯлонӣ дорад.

Собиқ техникуми геологӣ ва маъдани ба номи С. Юсупова бошад, дар асоси фармони Вазорати маорифи халқи РСС Тоҷикистон, санаи 11 июни соли 1971, №169 таъсис ёфта, соли 1993 ба тобеияти Вазорати Геологияи ИҶШС гузаронида шуда, 12 майи соли 1993, №208 бошад, бо қарори Шӯрои вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон тобеи Вазорати саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳозира Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дода шуд.

Бояд ёдовар шуд, ки собиқ техникум дар давраи фаъолияти чандинсолааш дар микёси собиқ ИҶШС мақоми махсусро соҳиб гардида, дар он давра зиёда аз 14 ҳазор мутахассиси дорои маълумоти миёнаи касбии соҳаи геологияро омода намудаву барои хизмат дар самту соҳаи кӯҳкории кишвар ва берун аз он сафарбар гардонидааст.

Як қатор мутахассисони хатмнамудаи собиқ техникум дар гузашта ва ҳоли ҳозир дар дохили кишвар ва қисмати дигари онҳо дар якчанд аз мамолики ИДМ, Муғулистон, Канада, Алҷазоир, Африқо, Америка ва дигар давлатҳои хориҷи кишвар кору фаъолият менамоянд.

Муассисаи давлатии коллеҷи кӯҳии ба номи С.Юсупова фаъолияти пурсамари худро ба пуррагӣ аз моҳи августи соли 2008 дар асоси талаботи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Низомномаи намунавии муассисаи таълимии таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.03.2018, №94), Оинномa, Низомнома, нақшаи дурнамои худи коллеҷ ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии кишварамон ба роҳ мондааст, ки айни замон дар он аз рӯи ихтисосҳои зинаи таҳсилоти миёнаи касбӣ: геология ва иктишофи конҳои канданиҳои фоиданок, экологияи сарватҳои табиӣ ва истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ, коркарди нафт ва газ, топография, истихроҷи конҳои канданиҳои фоиданок (аз рӯи самтҳо), тоза кардани канданиҳои фоиданок, менеҷмент (аз рӯи соҳа), истихроҷи конҳои маъдан ва истихроҷи канданиҳои ғайримаъдании фоиданок, иқтисодиёт ва ташкили истеҳсолот, таъминоти корхонаҳои саноатӣ бо барқ, ҳифзи муҳити зист ва оқилона истифода намудани сарватҳои табиӣ, ҳисоби муҳосибӣ, таҳлил ва назорат, иқтисодиёт ва ташкили истеҳсолот дар корхонаи саноати химия, маркетинг; таҳсилоти ибтидоии касбӣ: хисобдор, хазинадор-назоратчӣ, ёрдамчии пармагар ва ҷустуҷӯи пармакунии чоҳ дар соҳаи нафту газ, ороиши сангҳои нимқимат ва қиматбаҳо мутахассисони миёнаи касбӣ дар шуъбаҳои рӯзона ва ғоибона тайёр карда мешаванд.

Инчунин, дар муассиса барои хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, литсейҳо ва коллеҷҳо, шахсони аз кор фориғ (бекор) дар асоси шартнома курсҳои кӯтоҳмуддат аз рӯи ихтисосҳои топогеодезистҳо ва кори маркшейдерӣ, пармагари пармачоҳҳо, нақбкан, таркишгар, устои осиёби майдакунӣ, устои дастгоҳи ғалберкунӣ ва баҳисобгирии оморӣ дар корхонаҳои саноатӣ ба роҳ монда шудааст, ки талаботи ҷомеаи кишварро нисбати ин касбҳо таъмин менамояд.

Дар ин давра мувофиқи сохтор дар коллеҷ 3 факулта: геология, кӯҳкорӣ, иқтисодиёти саноати кӯҳӣ ва шуъбаю бахшҳо, аз ҷумла, шуъбаи таълим, ғоибона, таҳсилоти ибтидоии касбӣ, шуъбаи кадрҳо, корҳои махсус, бойгонӣ, шуъбаи илм ва робитаҳои хориҷӣ, технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, шуъбаи тарбиявӣ, кор бо оила ва робита бо ҷомеа, кор бо ҷавонон, шуъбаи умумӣ ва назорат, ҳисобдорӣ ва молия, шуъбаи хоҷагидорӣ, бахши идоракунии сифати таҳсилот, бахши 2-юм, маркази бақайдгирӣ ва машварат, маркази тестӣ ва 11 кафедра: истихроҷ ва тоза кардани маъдан, геология ва иктишофи конҳои канданиҳои фоиданок, топография ва корҳои маркшейдерӣ, кафедраи геоэкология, менеҷменти соҳавӣ, иқтисодиёт ва ташкили истеҳсолот, забонҳо, кафедраи фанҳои табиӣ-риёзӣ, фанҳои ҷамъиятшиносӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва мудофиаи шаҳрвандӣ ва кафедраи системаи иттилоотӣ-географӣ амал менамоянд.

Барои пешбури ҷараёни таълиму тарбия 117 омӯзгор сафарбар гардидаанд, ки аз ин шумора 1 нафар профессор, 6 номзади илм ва 16 нафар Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.

Аз рӯи ихтисосҳои номбурда зиёда аз 800 нафар донишҷӯён дар шуъбаҳои рӯзона ва ғоибона ба таҳсил фаро гирифта шудаанд, ки аз инҳо 129 нафаро духтарон ташкил медиҳанд.

Муассиса ба ҳатти ягонаи интернет пайваст мебошад, ки айни замон 20 компютери муассиса бо он пайваст буда, 30 адади дигар барои бо хати интернет пайваст намуданашон омода гардонида шудаанд.

Ҷиҳати шаффофияти супоридани имтиҳонот маркази тестӣ ташкил карда шуда, дар ҳоли ҳозир санҷишу имтиҳоноти ҷорӣ пурра ба тарзи электронӣ сурат мегиранд.

Шароити таълиму тадрис дар коллеҷ муҳайё буда, тамоми синфхонаҳо бо ҷойи нишаст ва мизу курсиҳои нав муҷаҳҳаз гардонида шудаанд. Маркази тестии муассиса бошад, бо 25 адад компютер ва 4 адад принтери бисёрамалиёта, синфхонаи компютерӣ бо 15 адад компютер таъмин шуда, барои гузаштани машғулият бо истифода аз технологияи муосир бошад, дар 14 синфхона проектор ва пардаи электронӣ, ҳамзамон, ҷиҳати таъмини бехатарӣ ва назорати рафти таълиму тарбия дар 22 синфхона камераҳои назоратӣ насб карда шудааст.

Китобхонаи коллеҷ аз як толори хониш барои 60 ҷойи нишаст, як қироатхона ва як китобхонаи электронӣ бо 10 ҷойи нишаст иборат мебошад. Компютерҳои китобхона ба шабакаи интернет пайваст буда, донишҷӯён ва устодон ҳамарӯза аз онҳо истифода мебаранд.

Фонди умумии китобхона дорои 7256 адад китоб, ки аз ин 262 ададро китобҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, 559 адад китобҳои бадеӣ ва боқимонда адабиёти илмӣ ва китобҳои дарсӣ бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ мебошанд.

Инчунин, дар китобхона бо мақсади таъмину дастрасии донишҷӯёну устодон ба воситаи шакли электронии таълим китобхонаи электронӣ таъсис дода шудаву ба миқдори зиёда аз 7687 номгӯйи китобҳои электронӣ марбут ба соҳаҳои геология, экология, геофизика, иқтисодиёт, сохтмон, тиб, механика, китобҳои дарсӣ аз фанҳои забони англисӣ ва русӣ, биология, химия, математика, фалсафа, таърих, энсиклопедия ва дигар маълумотномаҳо бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ ба он ворид карда шудааст.

Коллеҷ бо якчанд корхонаву муассисаҳои соҳаи саноати кӯҳкорӣ ва геологии кишвар, аз ҷумла ҶСК "Сементи тоҷик", КМКД ҶТ «Тиллои тоҷик», КМ «Зарафшон», ҶДММ КМ «Анзоб», ҶСК "Ҷамаст", КФ «Фон-Яғноб», Саридораи геологияи назди Ҳукумати ҶТ, ҶСХ "Барқи Тоҷик", КВ «ЭҶАГ», ҶСК «НБО Роғун», ҶСК "Корхонаи бойгардонии Тагоб", ҶДММ "Хуаксин", ҶСК «Нафту газ», Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайра ҳамкориҳои дуҷониба дошта, дар муҳлатҳои муайяншуда донишҷӯён барои таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ ва пешаздипломӣ ба ин корхонаҳо сафарбар карда мешаванд.

Инчунин, дар сохтори коллеҷ мавзеи таълимӣ–таҷрибаомӯзии "Геолог", ки дар 34-умин километри шоҳроҳи Душанбе - Хуҷанд (н. Варзоб) ҷойгир аст, таъсис дода шудааст, ки барои гузаронидани таҷрибаомӯзии таълимӣ ва машғулиятҳои амалӣ истифода бурда мешавад.

Коллеҷ дорои хобгоҳи ҷорошёна буда, донишҷӯёни ба хобгоҳ ниёздошта дар он иқомат мекунанд. Барои донишҷӯёни ятиму бепарастор ва камбизоат дар асоси ҳуҷҷати тасдиқкунанда имтиёзҳо дода шуда, шароити зист муҳайё карда шудааст.

# РАМАЗОН - МОҲИ МАҒФИРАТИ ГУНОҲҲО

Моҳи Рамазон барои онҳое, ки ба ягонагии Худованд ва рисолати Расули Акрам (с) имон доранд, моҳи шарифу муборак ба ҳисоб меравад.

Хусусияти фарқкунандаи ин моҳ аз моҳҳои дигар дар ин аст, ки тамоми мусулмонони олам дар давоми ин моҳ ба иҷрои яке аз аҳкоми бунёдии дин - гирифтани рӯза мепардозанд. Гирифтани рӯзаи моҳи шарифи Рамазон ба мусулмонон тибқи фармудаи Қуръони Маҷид фарз шудааст.

Имрӯз фоидаи рӯза барои тандуруст ва солим гардонидани инсон аз тарафи аксари олимони рӯи дунё эътироф ва исбот шудааст ва онҳо дар бораи фоидаи рӯза китобҳо таълиф карда, шифохонаҳое бунёд намудаанд, ки дар онҳо беморон бо роҳи рӯзагирӣ муолиҷа мешаванд.

Яке аз фоидаҳои рӯза тибқи тадқиқоту пажӯҳишҳои тиббии муосир дар он аст, ки моддаҳои такшиншудаи дар баданбударо барҳам медиҳад ва дур мекунад, тамоми рутубатҳои зарароварро мехушконад ва рӯдаҳоро аз табоҳии талхаю заҳрҳои тунду тезе, ки дар натиҷаи пурхӯрӣ пайдо мешаванд, пок мегардонад. Инчунин, рӯза шифои бемориҳои хунӣ ва бемориҳои рагу пайванд мисли ревматизм аст. Хулоса, рӯза дар нафъ мисли асои сеҳрнокест, ки дар шифои бемор мешитобад ва шахси бемор аз он шигифтиҳои зиёдеро мебинад. Пас, маълум мегардад, ки ҳадафи асосӣ ва умдаи рӯза ин парҳезгорӣ ба василаи лаҷом задани нафс мебошад.

Ривоят мекунанд, ки рӯзе Ҳазрати Паёмбар (с) аз роҳ мегузашт. Назараш ба як гурӯҳ ҷавонон афтид, ки бо бардоштани санги калоне меҳостанд бо ҳам зӯрозмоӣ кунанд. Он Ҳазрат назди ҷавонон омад ва гуфт: «Меҳоҳед, ки ман довари шумо бошам?» Гуфтанд: «Бале, ё Расулаллоҳ». Расулаллоҳ фармуданд: «Қавитарин ва зӯрбозутарини шумо он нест, ки санги вазнинро бардорад, балки он аст, ки ба нафси аммора иҷозат надиҳад, ки ҷилави имонро аз кафи ақли ӯ бигирад». Пас, рӯзадори ҳақиқӣ он аст, ки ба василаи корбасти ақл бар нафси худ ғолиб ояд ва нафси худро қурбон кунад. Қурбонии аслӣ ҳамин қурбонии нафс аст. Рӯза доштан, даҳон аз обу ғизо бастан маънои қурбонии нафсро дорад.

Аз нигоҳи иҷтимоӣ бошад, аҳамияти рӯза доштан дар он мебошад, ки шахси рӯзадор, ки як муддате аз хӯрдани обу ғизо боз меистад, ранҷи гуруснагиро дар вуҷудаш эҳсос мекунад ва бо ин эҳсосоти худ метавонад дарк кунад ҳолати он нафаронеро, ки ҳамеша умр дар гуруснагӣ мебаранд. Ин ҳолат шахси рӯзадорро ба додани садақа ба дармондагон водор намуда, ҳамзамон, дар онҳо эҳсоси раҳму шафқатро бедор мекунад. Бинобар ин, додани садақа яке аз воҷиботи моҳи Рамазон мебошад.

Худованди таборак ва таъоло гирифтани рӯзаро барои мусулмин фарз намуда, таъкид намудааст: «Рӯза доред, то парҳезгор шавед». Яъне, ҳадафи асосии доштани рӯза ин такмили ахлоқ, тарбияву лаҷом задани нафс мебошад. Маънои асосии рӯза дар Қуръон, аҳодис, дигар сарчашмаҳои динӣ бо лафзи арабии «саум» ифода шудааст. Ба тоҷикӣ маънои «саум» бозистодан, яъне худдорӣ намудан аз хӯрдану нӯшидан аз дамидани субҳ то фурӯ рафтани офтоб дар моҳи рамазон мебошад. Вале дарк бояд намуд, ки бозистодан на танҳо аз обу ғизо, балки аз анҷом ва ё дидани кори бад, гуфтан ва ё шунидани алфози бад мебошад. Чуноне ки Паёмбар (с) дар ин маънӣ фармудаанд: «Инсон метавонад, ки аз рӯзааш ҷуз гуруснагӣ ташнагӣ чизе ҳосил накунад».

Хулоса, рӯза ва рӯзадорӣ як воситаи санҷиши ирода ва дурӣ ҷустан аз ахлоқи разила буда, барои онҳое, ки рӯза медоранд, мактаби такмили ахлоқу рафтор ва дунёи ботинӣ мебошад.

Бинобар ин, дар моҳи шарифи Рамазон ба Шумо тавфиқи рӯзадорӣ ва тансиҳатию хонаободиро таманно дорем.

# ДОВТАЛАБ 2019

**Коллеҷ қабули довталабонро дар асоси Қоидаҳои қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли таҳсили 2019-2020 аз рӯи ихтисосҳои зерини гурӯҳҳои буҷавӣ ва шартномавӣ дар шуъбаи рӯзона (мӯҳлати таҳсил 2 солу 10 моҳ) ва ғоибона мӯҳлати таҳсил 4 сол) тавассути Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (Рамзи коллеҷ №529)**

## ЭЪЛОН МЕНАМОЯД:

## ДАР ЗАМИНАИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ (БАЪДИ СИНФИ 11)

| № | Рамз | Номгӯи ихтисосҳо | Нақшаи қабул | Шуъбаи рӯзона | | | Шуъбаи ғоибона | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | буҷавӣ | шартномавӣ | маблағ | буҷавӣ | шартномавӣ | маблағ |
| | | | | тоҷикӣ | тоҷикӣ | | тоҷикӣ | тоҷикӣ | |
| Гурӯҳи ихтисосҳои 1-ум - «Табиӣ ва техникӣ» | | | | | | | | | |
| 1. | 2-510101 | Геология ва иктишофи конҳои канданиҳои фоиданок | 44 | 16 | 8 | 1700 | 10 | 10 | 1400 |
| 2. | 2-5102010231 | Истихроҷи конҳои маъдан ва истихроҷи канданиҳои ғайримаъдани фоиданок | 44 | 15 | 9 | 1700 | 10 | 10 | 1400 |
| 3. | 2-510201 | Истихроҷи конҳои канданиҳои фоиданок (аз рӯи самтҳо) | 44 | 16 | 8 | 1850 | 10 | 10 | 1400 |
| 4. | 2-560231 | Топография | 44 | 15 | 9 | 1750 | 10 | 10 | 1400 |
| 5. | 2-480134 | Тоза кардани канданиҳои фоиданок | 44 | 16 | 8 | 1700 | 10 | 10 | 1400 |
| 6. | 2-480135 | Коркарди нафт ва газ | 44 | 16 | 8 | 1850 | 10 | 10 | 1400 |
| 7. | 2-430103 01 | Таъминоти корхонаҳои саноатӣ бо барқ | 44 | 16 | 8 | 1850 | 10 | 10 | 1400 |
| 8. | 2-570 01 | Ҳифзи муҳити зист ва оқилона истифода намудани сарватҳои табиӣ | 44 | 15 | 9 | 1850 | 10 | 10 | 1400 |
| Гурӯҳи ихтисосҳои 2-юм - «Иқтисод ва география» | | | | | | | | | |
| 9. | 2-260202 | Менеҷмент (аз рӯи соҳа) | 44 | 15 | 9 | 1850 | 10 | 10 | 1400 |
| 10. | 2-270131 | Иқтисодиёт ва ташкили истеҳсолот | 44 | 15 | 9 | 1850 | 10 | 10 | 1400 |
| 11. | 2-250135 | Ҳисоби муҳосибӣ, таҳлил ва назорат | 44 | 15 | 9 | 2300 | 10 | 10 | 1900 |
| 12. | 2-27013118 | Иқтисодиёт ва ташкили истеҳсолот дар корхонаи саноати химия | 44 | 15 | 9 | 2300 | 10 | 10 | 1900 |
| 13. | 2-260203 | Маркетинг | 44 | 15 | 9 | 2300 | 10 | 10 | 1900 |
| Гурӯҳи ихтисосҳои 5-ум - «Тиб, биология ва варзиш» | | | | | | | | | |
| 14. | 2-57010101 | Экологияи саноатӣ ва истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ | 44 | 16 | 8 | 1850 | 10 | 10 | 1400 |
| Ҷамъ: | | | 616 | 216 | 120 | | 140 | 140 | |

## ДАР ЗАМИНАИ ТАҲСИЛОТИ АСОСИИ УМУМӢ (БАЪДИ СИНФИ 9)

| № | Рамз | Номгӯи ихтисосҳо | Нақшаи қабул | Шуъбаи рӯзона | | | Шуъбаи ғоибона | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | буҷавӣ | шартномавӣ | маблағ | буҷавӣ | шартномавӣ | маблағ |
| | | | | тоҷикӣ | тоҷикӣ | | тоҷикӣ | тоҷикӣ | |
| Гурӯҳи ихтисосҳои 1-ум - «Табиӣ ва техникӣ» | | | | | | | | | |
| 1. | 2-510101 | Геология ва иктишофи конҳои канданиҳои фоиданок | 24 | 16 | 8 | 2000 | - | - | - |
| Гурӯҳи ихтисосҳои 2-юм - «Иқтисод ва география» | | | | | | | | | |
| 2. | 2-260202 | Менеҷмент (аз рӯи соҳа) | 24 | 15 | 9 | 2000 | - | - | - |
| 3. | 2-270131 | Иқтисодиёт ва ташкили истеҳсолот | 24 | 15 | 9 | 2000 | - | - | - |
| 4. | 2-250135 | Ҳисоби муҳосибӣ, таҳлил ва назорат | 24 | 15 | 9 | 2000 | - | - | - |
| 5. | 2-27013118 | Иқтисодиёт ва ташкили истеҳсолот дар корхонаи саноати химия | 24 | 15 | 9 | 2000 | - | - | - |
| 6. | 2-260203 | Маркетинг | 24 | 15 | 9 | 2000 | - | - | - |
| Гурӯҳи ихтисосҳои 5-ум - «Тиб, биология ва варзиш» | | | | | | | | | |
| 7. | 2-57010101 | Экологияи саноатӣ ва истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ | 24 | 16 | 8 | 2000 | - | - | - |
| Ҷамъ: | | | 168 | 107 | 61 | | | | |
| Ҳамагӣ | | | 784 | 323 | 181 | | 140 | 140 | |

## ШУЪБАИ ТАҲСИЛОТИ ИБТИДОИИ КАСБӢ

| № | Рамз | Номгӯи ихтисосҳо | Нақшаи қабул | Синфи 9 | | | Синфи 11 | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | буҷавӣ | шартномавӣ | маблағ | буҷавӣ | шартномавӣ | маблағ |
| | | | | тоҷикӣ | тоҷикӣ | | тоҷикӣ | тоҷикӣ | |
| Гурӯҳи ихтисосҳои 1-ум - «Табиӣ ва техникӣ» | | | | | | | | | |
| 1. | 3-250152 | Ҳисобдор | | | 24 | 1800 | - | 24 | 2000 |
| 2. | 3-25015202 | Хазинадор-назоратчӣ | | | 24 | 1800 | - | - | - |
| 3. | 3-510252.01 | Ёрдамчии пармагар ва ҷустуҷӯи пармакунии чоҳ дар соҳаи нафту газ | 24 | - | 48 | - | - | - | - |
| 4. | 3-360154.04 | Ороиши сангҳои нимқимат ва қиматбаҳо | 24 | - | 24 | - | - | 24 | 2000 |
| Ҳамагӣ | | | 120 | - | 72 | | - | 48 | |

## ЗОДРӮЗ МУБОРАК!

Ҳайати таҳририяи «Геолог» устодону кормандони мухтарами коллеҷро, ки маҳз дар моҳи равон, яъне моҳи май таваллуд ёфтаанд, ба рӯзи мавлуди муборакашон табрику таҳният намуда, барояшон сиҳатии бардавом, хуррамии рӯзгор, хонаободӣ ва дар фаъолияти меҳнатиашон бурдбориҳоро таманно дорад.

**Шодиев Фирдавс Тошмамадович, 22.05.1981**
**Парвонаева Гулбӯй Мадаюбхоновна, 13.05.1994**

**Наматова Манижа Азизмамадовна, 13.05.1980**
**Алиева Миҷгона Ҳакимовна, 19.05.1992**
**Эмомов Ҳотамшо Махмадшоевич, 09.05.1983**
**Усмонов Мусо Мирзоалиевич, 05.05.1994**
**Тиллоева Бунафша Имомдодовна, 08.05.1976**
**Шафиева Ганҷина Назирмадовна, 29.05.1992**



**Шавед садсолаю дарде набинед,**
**Зи умри хушгузар гарде набинед.**

## ПАЁМИ САРМУҲАРРИР



**Хонанди азизу арҷманди рӯзномаи «Геолог»!**

Инак, он навбати деринтизор фаро расид. Маҳз ҳамин рӯзро якояки мову Шумо — хонандагони рӯзномаи «Геолог» бо изтироб ва беқарорӣ интизорӣ мекашидем, ки он ҳам ба моҳи май, ки моҳи пур аз ҷашнҳои таърихиву сиёсӣ ва динӣ, аз ҷумла 1 май - Рӯзи меҳнаткашон, 5 май рӯзи мавлуди С.М. Юсупова, ки муассисаи мазкур маҳз ба номи ӯ гузошта шудааст, аз рӯи солшумории мусулмонӣ моҳи Рамазон, моҳи мукарраму муборак, 9 май - Рӯзи Ғалаба, Рӯзи оила ва Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон мебошад, рост омад.

Яъне, моҳи май барои мо ҳайати устодону кормандон, донишҷӯёни коллеҷ моҳи муборake мебошад, ки ид аз пайи ид омадан гирифт.

Муҳимтараш, он аст, ки дар ин моҳ хонандаи «Геолог» тавонист чопи нахустини онро ба даст гирифтаву мутолиа кунад, ки ин барои мо таҳиягарони он як дастоварди муҳиме мебошад.

Биноан, якояки Шуморо барои чопи нахустнашри ин рӯзнома ва дигар ҷашнҳои дар боло зикргардида табрику таҳният намуда, таманно дорам, ки бигзор ҳамеша дар қатори меҳнаткашон бошему бо дасту бозуи тавоно бахри пешрафт ва гулгулшукуфоии кишварамон тавониста бошем кореро ба анҷом расонем.

Ва бигзор миллати тоҷик ва, умуман, ҳеҷ инсони рӯи дунё ҷангу хунрезиро набинад, писар бепадарӣ, падар беписарӣ, модар бефарзандиро набинад ва ҳамеша инсонҳои рӯйи олам дар иттиҳод ва ҳамдилӣ умр ба сар баранд, дар фазои кишвари маҳбубамон Тоҷикистон хандаи беғаши тифлон садо диҳад.

Инчунин, дар моҳи муборaки Рамазон ба Шумо тавфиқи диндорӣ ва қуввату имони комил, баракат, раҳмат ва мағфирати рамазониро таманно дорем.

Ҳамзамон, эҳтиромона дархост менамоем, ки бахри боз ҳам хонданибоб гаштани ин рӯзномаи тозанашр бо мо - ҳайати рӯзнома ҳамкориҳои зичро ба роҳ монда, аз таҷрибаву донишҳои андухта, фаъолияти меҳнатӣ, корҳои илмиву эҷодии худ рӯи авроқ овардаву моро дастрас намоед, то дар ҳамбастагӣ тавониста бошем сафҳаҳои «Геолог»-ро боз ҳам ҷолиб гардидонидаву барои худ ва дигарон ғизои маънавӣ бардошта, шаҳди маонӣ ҷашем.

**Давлатхоним САИДОШУРОВА,**
**Сармуҳаррири рӯзномаи «Геолог»**

Геолог

САРМУҲАРРИР:
Саидошурова Давлатхоним Луқмоншоевна

МУАССИС:
Коллеҷи кӯҳии ба номи С.Юсупова дар назди Донишкадаи кӯҳӣ – металлургии Тоҷикистон

Андеша ва ақидаҳои нашршудаи шахсии муаллифон дар мақолотӣ гузоришҳо мавқеи расмии ҳайати эҷодии рӯзнома маҳсуб намешавад.Дурустии аснoду далели мақолаҳо ба ӯҳдаи муаллифон аст.

БА ТАВАҶҶУҲИ МУАЛЛИФОН:
Идораи ҳафтанома маводро дар шакли электронии ҳаҷми на бештар аз 4 саҳифаи компютерии андозаи 14 (фосилаи 1,5) –и ҳарфи Times New Roman Tj. қабул менамояд. Мавод ва суратҳои ба идораи ҳафтанома воридгашта баргардонда намешаванд. Почтаи электронии ҳафтанома: kuhi-2018@mail.ru
Ба хотири гуногунандешӣ дар ҳафтанома маводе низ ба табъ мерасанд, ки метавонад ба нуқтаи назари ҳафтанома мувофиқ набошад.

НИШОНИИ ҲАФТАНОМА:
Нишонӣ ш.Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Борбад 52/1
Телефон: 239-13-70
Макони чоп: ҶДММ «Mega-принт».
Теъдоди нашр- 500 нусха.